# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

Дар бораи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
(қарори Ҳукумати ҶТ аз 28.12.2019 № 634, аз 26.11.2020 № 629)

Мутобиқи моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013, № 12 "Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Низомнома, Сохтори дастгоҳи марказӣ, Нақшаи идоракунӣ, Номгӯи ташкилоту муассисаҳои системаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Номгӯи муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатие, ки фаъолияташонро дар соҳаи маориф дар асоси созишномаҳои дуҷониба бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд, тасдиқ карда шавад (замимаҳои 1, 2, 3, 4 ва5).

2. Шумораи ниҳоии кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 95 воҳид (бе ҳайати хизматрасон) муқаррар карда шавад. Маблағгузории 87 воҳиди корӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва 8 воҳиди корӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси вазорат анҷом дода шавад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.11.2020 № 629).

3. Ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад, ки 4 муовини Вазир, аз ҷумла як муовини якум ва ҳайати мушовараи Вазорат иборат аз 7 нафар дошта бошад. Барои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон лимити автомашинаҳои сабукрави хизматӣ ба миқдори 5 адад муқаррар карда шавад(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.11.2020 № 629).

4. Маблағгузории Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти дар Нақшаи идоракунии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва дигар маблағҳо мувофиқи тартиби бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқагардида анҷом дода шавад.

5. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати ду моҳ:

- низомномаҳои сохторҳои дар Нақшаи идоракунии Вазорат нишондодашударо таҳия ва тибқи тартиби муқарраргардида тасдиқ намояд;
- доир ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои соҳавии меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод намояд;
- санадҳои меъёрии ҳуқуқии худро бо қарори мазкур мутобиқ намояд.

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, № 594 "Дар бораи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 3 марти соли 2014 № 145
ш. Душанбе

Замимаи 1

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 3 марти соли 2014, № 145

тасдиқ шудааст

# Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 13.03.2015 № 149, аз 7.05.2015 № 316, аз 30.05.2015 № 357, аз 03.06.2015 № 381, аз 3.07.2015 № 450, аз 1.08.2015 № 497, аз 30.12.2015 № 816, аз 10.02.2016 № 66, аз 25.02.2016 № 79, аз 30.04.2016 № 192, аз 27.03.2018 № 169, аз 31.07.2018 № 362, аз 30.11.2018 № 566, аз 9.08.2019 № 404, аз 28.12.2019 № 634, аз 29.04.2020 № 240, аз 26.11.2020 № 629)

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Вазорат) мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм буда, сиёсати ягонаи давлатӣ ва танзими меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи маориф ва илм, таълиму тарбия, фаъолияти илмию техникӣ, васояту парасторӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, дастгирӣ ва ҳифзи иҷтимоии таълимгирандагон ва тарбиятгирандагони муассисаҳои таълимӣ амалӣ менамояд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 28.12.2019 № 634)*.

2. Вазорат ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва илмиро бевосита ва тавассути мақомоти давлатии идоракунии соҳаи маориф дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо амалӣ месозад.

3. Вазорат дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*.

4. Вазорат ва муассисаҳои зерсохтори он, раёсату шӯъбаҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои таълимии дар сохтори дигар вазорату идораҳо воқеъбуда, инчунин дигар муассисаҳо ва ташкилотҳои соҳаи маориф ва илм сохтори ягонаи низоми маорифро ташкил медиҳанд.

5. Вазорат сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф ва илм, аз ҷумла таълиму тарбияи томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, таҳсилоти иловагӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва фаъолияти илмию тадқиқотӣ татбиқ менамояд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 28.12.2019 № 634)*.

6. Муносибатҳои мутақобилаи Вазорат ва шахсони воқеию ҳуқуқӣ тибқи созишнома ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

## 2. Ваколатҳо

7. Ба ваколатҳои Вазорат дохил мешаванд:

- амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 28.12.2019 № 634)*;

- таъмини риояи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон дар соҳаи маориф ва илм;

– таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар доираи ваколатҳои худ *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.11.2020 № 629)*;

– ҳамоҳанг намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак;

– таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намудани барномаҳои давлатӣ ва маҳаллӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак бо тартиби муқарраргардида;

– пешниҳод намудани ҳисоботи солона ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак;

– гузаронидани мониторинги меъёрҳои давлатии ҳадди ақали иҷтимоии нишондиҳандаҳои ҳаёти кӯдакон;

– пешниҳод намудани иттилоот оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ба воситаҳои ахбори омма, ҷомеа ва мақомоте, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак машғуланд;

– ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак;

– ташкил ва пешбурди махзани ягонаи давлатии маълумот оид ба кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– дар доираи ваколатҳои худ амалӣ намудани назорати таъминоти моддӣ ва иҷтимоии пурраи давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.11.2020 № 629)*;

– назорати раванди таълим дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ;

– ба имзо расонидани шартнома ва дигар санадҳо оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

– таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи маориф ва илм, пешниҳод намудани онҳо барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳия ва тасдиқи Низомномаи тақсимот ва ба ҷои кор таъмин намудани муттахассисони ҷавон *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*.

а) Дар бахши таҳсилоти касбӣ:

– тайёр кардан, бозомӯзии кадрҳо ва роҳбарии методӣ дар зинаи таҳсилоти касбӣ;

– муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди низоми таҳсилоти касбӣ ва гузаронидани ислоҳоти маориф дар самти мазкур;

– тайёр кардани кадрҳои баландихтисос бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат дар заминаи муассисаҳои илмию таълимӣ аз ҳисоби ҷавонон барои соҳаҳои инноватсионӣ ва афзалиятнок;

– мусоидат ба ҷорӣ намудани маблағгузории бисёршабакавии низоми таҳсилоти касбӣ, рушди фаъолияти истеҳсолӣ ва таълими пулакӣ дар муассиасиҳои таълимӣ;

– амалӣ намудани роҳбарии ташкилӣ ва методии омӯзиши касбии аҳолӣ, тайёр намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси онҳо;

хориҷ карда шуд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.11.2020 № 629)*

– таҳия ва тасдиқи стандартҳои фаннӣ барои муассисаҳои таълимӣ;

– тасдиқи нақша ва барномаҳои таълимии намунавӣ барои муассисаҳои таълимӣ дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот;

– муайян кардани теъдоди нашри адабиёти таълимӣ, тасдиқи нашри китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва маводи таълимию методӣ тибқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот;

– баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои таъмин ва ҷобаҷогузории мутахассисон, муайян кардани мазмун, тартиби гузаштани такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф;

– дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба таъминоти заминаҳои моддию техникӣ, низоми молиявӣ, меъёрҳои маблағгузорӣ, меъёри музди меҳнат ва маоши вазифавии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод намудани онҳо;

- дар мувофиқа бо мақомоти давлатии дахлдор муайян намудани андозаи маблағи таҳсил, аз ҷумла маблағи таълими пулакӣ барои муассисаҳои таълимӣ;

- гузаронидани аттестатсияи омӯзгорон бо мақсади муайян намудани дараҷаи тахассус ва такмили маҳорати касбии мутахассисон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

*хориҷ карда шуд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.11.2020 № 629)*

- тасдиқ кардани меъёрҳои муайянкунандаи мақоми муассисаҳои таълимӣ;

- дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳо ба роҳ мондани омӯзиш, такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисон ва кормандон барои корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ;

- таъсиси вазифаи ходимони илмӣ *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.11.2020 № 629);*

- дар мувофиқа бо мақомоти давлатии дахлдор амалӣ намудани таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлатҳои хориҷӣ;

- ташкил кардани такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва таҳсилоти иловагии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф;

- бо мақсади истифодаи самараноки маҳорати касбӣ ва пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ тасдиқ намудани қоидаҳои ҷойивазкунии роҳбарони муассиса ва воҳидҳои зерсохтор;

- таъмини фаъолияти ҳамоҳанги мақомоти идоракунии маориф ва муассисаҳои таълимӣ;

- таъмин ва назорати фаъолияти муассисаҳои таълиму тарбияи соҳаи маориф оид ба маблағгузории онҳо аз ҳисоби маблағи дар ихтиёрашон буда;

- бо тартиби муқарраргардида дар асоси созишномаҳои дутарафа амалӣ намудани ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла ҷиҳати дастгирии моддию молиявии ислоҳоти соҳаи маориф, мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, гузаронидани чорабиниҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ.

б) Дар бахши илм:

- андешидани тадбирҳо ҷиҳати таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ оид ба илму техника;

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди илму техника;

- ташкил ва татбиқи барнома ва лоиҳаҳои соҳаи илму техника;

- пешниҳод намудани таклифҳо оид ба ташкили сохторҳои илмӣ ҷиҳати рушди илм ва техника;

- таъмини эҳтиёҷоти ҷумҳурӣ бо кадрҳои дараҷаи илмидошта, новобаста аз тобеияти идоравиашон;

- тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси дорои дониши мукаммали назариявӣ ва амалӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва илмӣ мутобиқи стандартҳои давлатии таҳсилот;

- ҷиҳати таъсиси муассисаҳои давлатии илмӣ, фондҳо ва ҷумҳуриявӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳо пешниҳод мекунад;

- тасдиқи оинномаҳои муассисаҳои таълимӣ ва илмии зер сохтори худ;

- иштирок дар кори шӯроҳои илмӣ ва комиссияҳои илмию методӣ ва рафти қабул ба магистратураву аспирантура, ординатура, докторантура ва докторантура аз рӯи ихтисос;

- назорати иҷрои саривақтии мавзӯъҳои тасдиқшудаи фармоишии аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ маблағгузоришаванда;

- мусоидат ба коромӯзиву бозомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии хориҷи кишвар ва ҳимояи рисолаҳои илмӣ;

- амалисозии ҳамкорӣ бо Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои тиббии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси шартномаҳои генералӣ оид ба соҳаи илм;

- амалӣ намудани дигар ваколатҳо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

8. Вазорат тибқи ваколатҳои дар доираи фаъолияташ муқарраргардида ҳуқуқ дорад:

- механизми муосири идоракунӣ ва маблағгузории муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ, хизматрасонии пулакии таълим, мустақилияти молиявии таълимгоҳҳо, истифодаи самараноки маблағҳои давлатӣ, сармоягузории дохилию хориҷиро таъмин намояд ва ба рушди муассисаҳои таълимию илмии хусусӣ мусоидат кунад;

- фаъолияти муассисаҳо ва ташкилотҳои соҳаи маориф ва илмро ҳамоҳанг созад;

- дар ҳамкорӣ ва якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳалли масъалаҳои ташкили таълиму тарбияи кӯдакони душвортарбия ва дорои имконияти маҳдуд ҳамкорӣ намуда, ба онҳо кӯмаки молиявӣ, таълимӣ, тарбиявӣ ва методӣ расонад;

- бо мақомоти маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти васоят ва парасторӣ дар масъалаҳои бақайдгирӣ ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони ятиму бепарастор ва бесарпаноҳ ҳамкорӣ намояд;

- оид ба масъалаҳои маориф ва илм тибқи тартиби муқарраргардида конференсия, семинар, симпозиум, анҷуман ва маҷлисҳои машваратӣ гузаронида, дар кори муассиса ва ташкилотҳои байнидавлатии таълимӣ, комиссия, кумита, форум, симпозиум, намоишгоҳ ва озмунҳои байналмилалӣ ширкат варзад;

- ҳифзи сирри давлатиро дар доираи ваколатҳои худ таъмин созад;

- раисони комиссияҳои аттесттсияи давлатии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбиро сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон тасдиқ намояд;

- бо пешниҳоди ректорони муассисаҳои таълимии давлатии таҳсилоти олии касбӣ масъалаҳои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани муовинони аввал ва муовинони онҳо, инчунин роҳбарони муассисаҳои таълимии давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ, мактаб - интернатҳои дорои мақоми ҷумҳуриявӣ ва дигар муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсуси сохтори мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маорифро ҳал намояд;

- низомномаҳое, ки фаъолияти таълимро дар муассисаҳои таълимӣ ба танзим медароранд тасдиқ намояд;

- консепсия ва барномаҳои дурнамои кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлати рушди соҳаи маориф ва илмро таҳия намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод намояд;

- номгӯи адабиёти таълимиву методиро барои муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ муайян карда, эҳтиёҷот ба нашр, хариди адабиёти таълимию методӣ, воситаҳои техникии таълимиро муқаррар намуда, тартиби ба иҷора додани китобҳои дарсӣ ва маблағҳои гардони китобҳои дарсиро дар муассисаҳои таълимӣ муқаррар намояд;

- фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва илмиро новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравиашон ҷиҳати муайян кардани теъдод, сохтор, равия, ихтисос ва сифати тайёр кардани мутахассисон ба низом дарорад;

- қоидаҳои гузаронидани таълимгирандагонро аз як равия ба равияи дигар, аз як ихтисос ба ихтисоси дигар, аз як муассиса ба муассисаи дигари таълимӣ тасдиқ менамояд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.11.2020 № 629)*;

- тасдиқ намудани тартиби таъсис ва барҳам додани ихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ ва назорати иҷрои онҳо;

- тасдиқ намудани тартиби хориҷ, барқарор ва гузариши хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ ва назорати иҷрои он;

- таъмини сифати таҳсилот ва риояи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.11.2020 № 629)*;

- якҷоя бо мақомоти дахлдори давлатӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи равияҳо, ихтисосҳо ва харҷномаҳоро аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои тайёр кардани мутахассисон дар давлатҳои хориҷӣ муайян намуда, ташкили таҳсили шаҳрвандони ҷумҳуриро дар хориҷи кишвар ва шаҳрвандони хориҷиро дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монад;

- намунаи ҳуҷҷатҳои давлатиро оид ба дараҷаи таҳсилот таҳия намуда, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;

- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби додан, нигоҳдорӣ, бақайдгирӣ, супоридан ва пур намудани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатиро дар бораи таҳсилот муқаррар намояд;

хориҷ карда шуд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.11.2020 № 629)*

- тартиби қабули шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро ба муассисаҳои таълимӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намояд;

- феҳристи мансабҳои кормандони роҳбарикунандаи соҳаи маориф ва илмро муайян намояд;

- якҷоя бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба таъмини ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакону таълимгирандагони муассисаҳои таълимӣ шароит фароҳам орад;

- маълумоти омориро оид ба рушди соҳаи маориф ва илм ҷамъоварӣ ва таҳлил намуда, тибқи тартиби муқарраргардида ба мақомоти дахлдор пешниҳод намояд ва дар навбати худ аз мақомоти давлатӣ дар соҳаи омор (ҳамзамон аз муассисаҳои таълимӣ) маълумот гирад;

- бо дархости муассисаҳои илмӣ корҳои илмию тадқиқотиро дар ҷаласаи мушовара баррасӣ намуда, маблағгузорӣ намояд;

- иттилоотикунонии соҳаи маориф ва илмро таъмин ва корҳои табъу нашриявиро ба роҳ монад;

- оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва илм таклифҳо пешниҳод намояд;

- бо мақомоти дахлдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ тибқи тартиби муқарраршуда ҳамкориро дар соҳаи маориф ва илм ба роҳ монда, иҷрои ӯҳдадориҳои байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байнисоҳавиро дар соҳаи маориф ва илм таъмин намояд;

- оид ба масъалаҳои соҳаи маориф ва илм тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ намояндагӣ намояд ва шартнома ба имзо расонад;

- тартиби гузаронидани озмунҳои (олимпиадаҳои) ҷумҳуриявиро таҳия ва тасдиқ намояд;

- оид ба тарбияи варзишии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимии кишвар бо мақомоти давлатии дахлдор ҳамкорӣ намуда, тартиби гузаронидани чорабиниҳои варзиширо дар муассисаҳои таълимӣ таҳия ва тасдиқ намояд;

- барои омода намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти таълиму тарбияи ҳарбӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ ҳамкорӣ намуда, тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шартномаҳо ба имзо расонад;

- бо мақсади баланд бардоштани тарбияи ҳуқуқии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ бо вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин дигар ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҳамкорӣ намояд;

- барои иҷрои корҳо, хизматрасонӣ, дастрас намудани маводи зарурӣ шартномаҳо бандад;

- мутобиқи тартиби муқарраргардида мақомоти ҳамоҳангсоз ва машваратӣ (шӯро, комиссия ва гурӯҳҳо) ташкил диҳад;

- тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар ваколатҳоро иҷро намояд;

- барои таъсис додани намояндагиҳои Вазорат оид ба соҳаи маориф ва илм дар хориҷи кишвар ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур менамояд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 3.06.2015 № 381)*;

- барои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони намояндагиҳои Вазорат дар хориҷи кишвар ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур менамояд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 3.06.2015 № 381)*;

- кормандони намояндагиҳои Вазоратро дар хориҷи кишвар ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 3.06.2015 № 381)*.

## 3. Ташкили фаъолият

9. Вазоратро Вазир роҳбарӣ мекунад, ки ӯро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

10. Вазир муовинҳо, аз ҷумла муовини якум дорад, ки онҳоро бо пешниҳоди Вазир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод менамояд.

11. Вазири маориф ва илм:

- барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи Вазорат гузошташуда дар самти татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм масъул мебошад;

- фаъолияти Вазоратро роҳбарӣ намуда, кори онро ташкил мекунад;

- дар доираи ваколатҳои худ вобаста ба соҳаи маориф фармоиш ба имзо мерасонад, ки иҷрои онҳо барои кормандони дастгоҳи марказии Вазорат, муассисаҳои сохторӣ, муассисаҳои таълимию илмӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад;

- низомномаҳои сохторҳои дастгоҳи марказии вазорат ва оинномаҳои мақомоти маҳаллии идоракунии маорифро тасдиқ мекунад;

- вазифаҳои хизматии муовинон, роҳбарони раёсат, шӯъба ва бахшҳои дастгоҳи марказии Вазорат, роҳбарони муассисаҳои соҳаи маориф ва илмро муайян мекунад;

- сохтор ва басти вазифаҳои Вазоратро тибқи талаботи намунавӣ дар доираи фонди музди меҳнат ва шумораи кормандон, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст ва баровари ягонаи даромад ва хароҷоти Вазоратро дар доираи маблағгузорӣ, ки барои давраи дахлдор дар буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинӣ гардидааст, тасдиқ мекунад;

- бо пешниҳоди роҳбарони сохторҳои Вазорат муовинон, роҳбарони муассисаҳои таълимии давлатии ҷумҳуриявиро, ки дар системаи вазорат мебошанд, ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани Президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ, директорони мактабҳои Президентии мақоми ҷумҳуриявидошта пешниҳод манзур менамояд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.11.2020 № 629)*;

- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои мақоми ҷумҳуриявидошта пешниҳод манзур месозад;

- нақшаи кории шашмоҳа, солона ва нишондиҳандаҳои фаъолияти сохторҳои низоми соҳаи маориф ва илмро тасдиқ намуда, инчунин дар бораи фаъолияти онҳо ҳисобот талаб менамояд;

- ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистои доир ба таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатӣ дар қисмати маблағгузории фаъолияти сохторҳои Вазорат пешниҳод манзур месозад;

- ба роҳбарони муассиса ва дигар ташкилотҳои тобеи Вазорат дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои онҳоро назорат менамояд;

- дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи озмун кормандони дастгоҳи марказии Вазорат ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва илмии ҷумҳуриявиро, ки дар системаи Вазорат мебошанд, ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод менамояд;

- кормандони фаъоли дастгоҳи марказии Вазорат, сохторҳои тоберо ҳавасманд мегардонад ва онҳоро барои дарёфти мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, иҷро менамояд.

12. Дар Вазорат Ҳайати мушовара дар ҳайати Вазир (раиси Ҳайати мушовара), муовини якум, муовинони Вазир (аз рӯи вазифа) ва дигар кормандони роҳбарикунандаи Вазорат таъсис дода мешавад.

13. Аъзои Ҳайати мушовараи Вазорат бо пешниҳоди Вазир аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Қарорҳои Ҳайати мушовара бо протокол ба расмият дароварда шуда, бо фармоиши Вазир амалӣ карда мешаванд.

14. Маблағгузории дастгоҳи марказӣ ва мақомоти дар Нақшаи идоракунии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва дигар маблағҳо мувофиқи тартиби бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқагардида, анҷом дода мешавад.

15. Вазорат шахси ҳуқуқӣ буда, дорои мӯҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сабти номи худ бо забони давлатӣ, тамға, бланкҳои дахлдор, тавозуни мустақил мебошад ва аз суратҳисоби ягонаи Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасонӣ карда мешавад.

16. Нишонии ҳуқуқии Вазорат: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад - 13 а мебошад.

Замимаи 2

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз "3" марти соли 2014, № 145

тасдиқ шудааст

## Сохтори дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Роҳбарият

Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус

Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.11.2020 № 629)*

Раёсати таҳсилоти ибтидой ва миёнаи касбӣ

Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ

Раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 28.12.2019 № 634)*

Раёсати илм ва инноватсия

Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ

Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм

Шӯъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ

Шӯъбаи низоми ахборотии идоракунии маориф ва илм

Шӯъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ

Шӯъбаи аудити дохилӣ

Шӯъбаи таъминоти ҳуқуқӣ *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.11.2020 № 629)*

Шуъбаи сифати таҳсилот

Шуъбаи коргузорӣ ва назорати иҷро

Бахши таҳсилоти томактабӣ *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.11.2020 № 629)*

Замимаи 3

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз "3" марти соли 2014, № 145

тасдиқ шудааст

## Нақшаи идоракунии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

*(қарори Ҳукумати ҶТ аз 3.06.2015 № 381)*

Дастгоҳи марказӣ

хориҷ карда шуд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.11.2020 № 629)*

Раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе

Шӯъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо

Намояндагии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 3.06.2015 № 381) )*

Муассисаи давлатии Маркази таълимии занон "Сарвар" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66).*

Замимаи 4

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз "3" марти соли 2014, № 145

тасдиқ шудааст

## Номгӯи ташкилоту муассисаҳои системаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

- Муассисаи давлатии "Академияи таҳсилоти Тоҷикистон";

- Муассисаи давлатии "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф";

- Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 3.06.2015 № 381);*

- Муассисаи давлатии "Осорхонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон";

- Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон";

- Муассисаи давлатии "Маркази барномаҳои байналмилалӣ";

- Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 3.06.2015 № 381);*

- Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия";

- Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 3.06.2015 № 381);*

- Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ";

- Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии "Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66);*

-- Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд";

- Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров";

- Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ";

- Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362);*

- Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев";

- Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд";

- Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Данғара";

- Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода";

- Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт";

- Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

- Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ "МИСиС" дар шаҳри Душанбе;

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи омӯзгории шаҳри Турсунзода";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Рашт";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи омӯзгории ба номи Мирзо Турсунзодаи шаҳри Конибодом" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Мастчоҳ";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Лахш" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Зафаробод";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи технологии ба номи А.Қаҳҳорови шаҳри Конибодом";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи политехникии ноҳияи Зафаробод";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи техникию омӯзгории ноҳияи Рӯдакӣ";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи муҳандисию техникии ноҳияи Нуробод";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи муҳандисию омӯзгории ноҳияи Ҷаббор Расулов";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе";

- Муассисаи давлатии "Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат" дар шаҳри Бӯстон *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсей-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Гимназияи ҷумҳуриявии №7 ноҳияи Данғара";

- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаби махсуси ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе";

- Муассисаи давлатии таълимии "Меҳровар" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.05.2015 № 357)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаб-интернати низомаш махсуси ҷумҳуриявии шаҳри Ҳисор" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобинои шаҳри Ҳисор" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони кари ноҳияи Рӯдакӣ";

- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоияшон суст ва деркаршудаи ноҳияи Рӯдакӣ";

- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Шаҳринав";

- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Нуробод";

- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Сангвор" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ";

- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи шамсиддин Шоҳин" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими шаҳри Кӯлоб";

- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Рашт";

- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими шаҳри Ёвон" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Ҳисор" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 7.05.2015 № 316)*;

-Муассисаи давлатии таълимии "Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаби президентӣ барои кӯдакони болаёқат дар шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон";

- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаби президентӣ барои кӯдакони болаёқат дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон";

"- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ дар ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба номи Карамшоев Додхудо *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2015 № 816)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаби байналмилалии президентӣ" дар шаҳри Душанбе;

- Муассисаи давлатии таълимии "Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Кӯлоб";

- Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ;

- Муассисаи нашриявии "Маориф";

- Матбааи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Нашрияи рӯзномаи "Омӯзгор";

- Нашрияи маҷаллаи "Маърифати омӯзгор";

- Нашрияи маҷаллаи "Маорифи Тоҷикистон";

- Нашрияи маҷаллаи "Русский язык и литература в школах Таджикистана";

- Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии "Маърифат";

- Корхонаи воҳиди давлатии "Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе";

- Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсей барои хонандагони болаёқат" дар шаҳри Душанбе *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 1.08.2015 № 497)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсей барои хонандагони болаёқати равияи иқтисодӣ" дар шаҳри Душанбе;

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсей барои хонандагони болаёқат" дар шаҳри Хуҷанд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 1.08.2015 № 497)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсей барои хонандагони болаёқат" дар шаҳри Турсунзода *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 1.08.2015 № 497)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсей барои хонандагони болаёқат" дар шаҳри Бохтар*(қарори Ҳукумати ҶТ аз 1.08.2015 № 497,аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсей барои хонандагони болаёқат" дар шаҳри Кӯлоб *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 1.08.2015 № 497)*.

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи политехникии Донишгоҳи давлатии Данғара *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.04.2016 № 192)*.

Замимаи 5

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз "3" марти соли 2014, № 145

тасдиқ шудааст

## Номгӯи муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатие, ки фаъолияташонро дар соҳаи маориф дар асоси созишномаҳои дуҷониба бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд

- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур;

- Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино;

- Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

- Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

- Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода"

- Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 3.07.2015 № 450)*;

- Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон;

- Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 29.04.2020 № 240)*;

- Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон;

- Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саймумин Раҳимов;

- Муассисаи таълимии "Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.03.2018 № 169)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд";

- Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам - Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит";

- Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб" дар сохтори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 13.03.2015 № 149)*

- Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара;

- Филиали Донишкадаи энергетикии Москва (донишгоҳи техникӣ) дар шаҳри Душанбе;

- Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон"

- Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент;

- Консерваторияи миллии Тоҷикистон;

- Донишкадаи такмили ихтисос ва таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустӣ;

- Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон";

- Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Омӯзишгоҳи олии сарҳадии Кумитаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Муассисаи давлатии таълимии "Гимназияи ҳарбии қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ворисони Куруши Кабир" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 9.08.2019 № 404);*

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66);*

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66);*

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд ба номи Юсуф Баширхонович Исҳоқӣ" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66);*

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи кишоварзии ноҳияи Мастчоҳ";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362);*

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи махсусгардонидашудаи ноҳияи Кӯшониён" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362);*

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи фарҳанги ҷумҳуриявии ба номи П. Буйдоқов" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66);*

- Муассисаи давлатии "Коллеҷи ҷумҳуриявии хореографии ба номи М. Собирова";

- Муассисиаи давлатии "Коллеҷи ҷумҳуриявии санъати шаҳри Кӯлоб ба номи Кароматулло Қурбонов *(қарори Ҳукумати ҶТ 30.11.2018 № 566)*

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи А. Бобоқулов" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66);*

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи санъати шаҳри Хуҷанд ба номи С. Ҳофиз" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66);*

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии шаҳри Конибодом";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии шаҳри Истаравшан";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии ноҳияи Данғара";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии ноҳияи Ёвон";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии шаҳри Хоруғ";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии шаҳри Ҳисор" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362);*

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии шаҳри Ваҳдат";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии ноҳияи Рашт";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии шаҳри Турсунзода";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии шаҳри Исфара";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи энергетикии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи таълимии "Коллеҷи металлургии шаҳри Турсунзода";

- Муассисаи давлатии "Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсупова дар назди Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон";

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи оташнишонӣтехникии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи муҳандисию техникии шаҳри Роғун";

- Муассисаи таълимии ғайридавлатии "Коллеҷи тиббии шаҳри Гулистон *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66, аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи таълимии ғайридавлатии "Коллеҷи тиббии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*;

- Муассисаи таълимии ғайридавлатии "Коллеҷи тиббии ноҳияи Рӯдакӣ" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*;

- Муассисаи таълимии ғайридавлатии "Коллеҷи тиббии шаҳри Турсунзода" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*;

- Муассисаи таълимии ғайридавлатии "Қоллеҷи тиббии ноҳияи Вахш" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*;

- Муассисаи таълимии ғайридавлатии "Коллеҷи тиббии ноҳияи Ҳамадонӣ *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*;

- Муассисаи таълимии ғайридавлатии "Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*;

- Муассисаи таълимии ғайридавлатни "Коллеҷи техникии шаҳри Хуҷанд" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*;

- Муассисаи таълимии "Коллеҷи техникӣ-технологии назди Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи милитсияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қароргоҳ дар шаҳри Кӯлоб" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*;

- Муассисаи таълимии ғайридавлатии "Коллеҷи тиббӣ-иҷтимоии шаҳри Душанбе" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*;

- Муассисаи таълимии ғайридавлатии "Коллеҷи технологӣ инноватсионӣ"-и назди Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*;

- Муассисаи Таълимии ғайридавлатии "Коллеҷи иқтисодйтехникии шаҳри Кӯлоб *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии саноати насоҷии шаҳри Душанбе";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии нақлиёти автомобилии шаҳри Душанбе";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии нақлиёти роҳи оҳани шаҳри Душанбе";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии политехникии шаҳри Душанбе";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии махсуси шаҳри Душанбе";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии шабонаи шаҳри Душанбе";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии сохтмони шаҳри Душанбе";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии хизмат ва туризми шаҳри Душанбе";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии алоқаи шаҳри Душанбе";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии дӯзандагии шаҳри Душанбе";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Ёвон";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Фархор";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии шаҳри Бохтар" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Ховалинг";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Восеъ";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии саноати кишоварзии шаҳри Кӯлоб";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Шаҳритус";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Дӯстӣ" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Ҷайҳун" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Қубодиён";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии саноати кишоварзии ноҳияи Ёвон";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Панҷ";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Вахш";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии саноати кимиёи шаҳри Левакант" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии сохтмони шаҳри Кӯлоб";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии саноати кӯҳии шаҳри Исфара";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии нефт ва гази шаҳри Исфара";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии шаҳри Истаравшан";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии саноати кишоварзии ноҳияи Ашт";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии шаҳри Истиқлол";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии сохтмони шаҳри Хуҷанд";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии шаҳри Панҷакент";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Деваштич" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии саноати кишоварзии ноҳияи Зафаробод";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Айнӣ";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии саноати кишоварзии ноҳияи Деваштич" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Ҷаббор Расулов";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии шаҳри Спитамен" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Ашт";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Зафаробод";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии саноати кишоварзии шаҳри Конибодом";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии саноати кишоварзии ноҳияи Шаҳристон";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии саноати кишоварзии ноҳияи Мастчоҳ";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии политехникии шаҳри Хуҷанд";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии саноати дӯзандагии шаҳри Конибодом";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии хизмати шаҳри Хуҷанд";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Ҳисор";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Сангвор" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Шаҳринав";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Файзобод";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Тоҷикобод";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии шаҳри Ваҳдат";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Рашт";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Лахш" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз аз 31.07.2018 № 362)*;

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии шабонаи шаҳри Ваҳдат";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии металлургии шаҳри Турсунзода";

- Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Шуғнон".

- Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 25.02.2016 № 79)*